

*Дар хонаи худ зиндагӣ кардан чунин хурсандие мебошад, ки дар он шумо метавонед баъд аз кор дар ошхонаи зебо аз пиёлаи зебо чой нӯшида, лаззат баред...»- қиссаи худро хаёлпарастона мегӯяд Зебо.*

*Ҳоло Зебо хандида истодааст. Ӯ умеди ояндаро дарёфт намуд. Вақте буд, ки ҳама аз ӯ рӯй гардонданд. Ба назараш ҳаёт ба охир расида буд. Наздиконаш ӯро қабул накарданд ва намефаҳмиданд. Саломатиаш рӯз аз рӯз бадтар мешавад ӯро ба ҷое ба кор қабул намекарданд, ӯ бо се фарзанди худ бе хонаю дар буд, ва сабаби ҳамаи ин ҳодисаҳо сирояти ВНМО шуд. Дар ҳолати вазнин, бе ягон умед барои наҷот, Зебо дар Беморхонаи бемориҳои сироятии шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) бистарӣ мешавад.*

Зебо дар соли 1995, баъди аз шавҳараш ҷудо шуданаш, барои кор кардан ба Федератсияи Русия меравад. Ҳамроҳи худ фарзандони хурдсолашро низ мебарад. Дар вақтҳои аввал дар як ошхона ҳамчун шустушӯкунандаи зарфҳо, баъд ҳамчун ёрдамчии ошпаз шуда кор мекунад, чунки ӯ барои тайёр кардани хӯришҳо ва таомҳои дуюм шавқи зиёде дошт. Кӯдаконро ба кӯдакистон дохил намуда, фикр мекард, ки ҳаёташ беҳтар шуда истодааст. Баъдтар, вақте ки кӯдакон ба мактаб мераванд, Зебо камтар маблағ ҷамъ намуда, дӯкони худро барои таомҳои тезтайёр ташкил мекунад: қимакабоб, чалпак, самбӯса мепазад ва дигар шириниҳоро низ хариду фурӯш мекунад. Аммо яккаю танҳо дар кишвари хориҷӣ зиндагӣ кардан ва кӯдаконро ба воя расонидан душвор буд. Зебо бо марде шинос мешавад. Ин мард мехоҳад бо Зебо оила барпо карда, кӯдаконро якҷоя тарбия намояд. Зебо дар бораи чунин шахс муддати дароз фикр мекард. Баъди чанд вақте, ки Зебо ба шавҳар мебарояд, ӯ мефаҳмад, ки шавҳараш маводи мухаддир истеъмол мекардааст. Ӯ бисёр ғамгин мешавад, вале шавҳараш ба ӯ ваъда медиҳад, ки худро табобат мекунад, соҳиби ҷои кор шуда, ба фарзандонаш ғамхорӣ менамояд. Аз байн боз як чанд вақт мегузарад ва Зебо ҳис мекунад, ки дар ҷои кор монда шуда истодааст, иштиҳояш паст шуда, заиф ва лоғар низ шудааст. Ӯ ба ин аломатҳо аҳамият надода, соҳибкориашро давом дода, барои хушбахтиаш мубориза мебурд, чунки шавҳараш истеъмоли маводи нашъаоварро қать накард. Ҳарорати бадани Зебо гоҳ-гоҳ баланд шуда, дарунравӣ пайдо мешавад, ки онро мустақилона табобат карда натавониста, ба духтур муроҷиат мекунад. Ӯро дар беморхонаи сироятӣ бистарӣ намуда, дар ӯ сирояти ВНМО-ро дарёфт менамоянд. Ин соли 2015 буд. Зебо рӯҳафтода шуда, аз шавҳараш ҷудо мешавад ва ба Тоҷикистон бо кӯдаконаш баргашта мебиёяд, зеро дар Русия ӯ дигар имконияти зиндагӣ карданро надошт.

Дар ватани худ ӯро дилу бедилон пешвоз гирифтанд. Зебо ҷои зист надошт, барои ҳамин хеши наздикаш ба хонаи худ ҷой дод, вале вақте фаҳмид, ки ӯ мубталои ВНМО мебошад, аз Зебо хоҳиш намуд, ки хонаи ӯро тарк намояд. Ба куҷое ки оиди кор мурочиат мекард, аз ӯ маълумот оиди сирояти ВНМО талаб менамуданд. Ба он маблағе, ки камтар ҷамъ карда буд, Зебо хонаи истиқоматии хурдеро ба иҷора

мегирад ва кӯдконро ба мактаб дохил мекунад. Маблағи ҷамъ шуда тез ба охир мерасад, саломатиаш бад шудан мегирад ва дар ҳолати вазнин Зебо дар Беморихонаи бемориҳои сироятии шаҳри Қӯрғонтеппа бистарӣ мешавад. Дар беморхона ӯ дар бораи Намояндагии ташкилоти ҷамъиятии ҷумҳуриявии «AFEW-Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон, ки дар шаҳри Қӯрғон-теппа воқеъ аст ва шахсони мубталои ВНМО-ро дастгирӣ мекунад, мешунавад.

*«Баъди он ки ман каме худро беҳтар ҳис кардам, ман ба ин ташкилот рафтам ва аз фазои дӯстона ва хайрхоҳона ба ҳайрат омадам. Ман фаҳмидам, ки ман дар бадбахтиҳоям танҳо нестам ва шахсоне ҳастанд, ки ба ман дасти ёрӣ дароз мекунанд.. Пас аз як қатор сӯҳбатҳо ва маслиҳатҳои кормандони «AFEW-Тоҷикистон» ман ба Маркази бемориҳои ВНМО рафтам, табобати зиддиретровирусиро оғоз намудам, аз ташхиси бемориҳои сил, гепатитҳо, бемориҳои сироятии ҷинсӣ ва бемориҳои гинекологӣ гузаштам», - мегӯяд Зебо.*

Зебо ба Маркази дастгирии Намояндагии «AFEW-Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон тез-тез омада, маълумотро дар бораи зиндагонӣ бо ВНМО, машваратҳои равонӣ ва ҳуқуқӣ, кӯмаки хӯрокуворӣ ва доруворӣ мегирад, инчунин дар гурӯҳҳои худёрирасон иштирок менамояд.

*"Яке аз роҳҳои самараноки кор бо шахсони мисли ман - ин ташкили гурӯҳҳои худёрирасон барои ШВЗ (шахсони бо ВНМО зиндагикунанда) мебошад. Ман имконияти накл намудани таҷрибаи шахсӣ ва маълумотро доштам. Фазои якдигарфаҳмӣ, ки дар дар гурӯҳ нисбати шахсони нав буд, сатҳи шахсияти шахсӣ ва боварӣ ба худро зиёд намуд» - суханрониро давом дод Зебо.*

Дар соли 2017 Зебо дар омӯзиши «Асосҳои соҳибкорӣ», ки дар доираи лоиҳаи "Паст кардани оқибатҳои иҷтимоӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар ҳаёти заноне, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргаштаанд ва ё аз Федератсияи Русия депортатсия шудаанд» бо дастгирии молиявии Шӯъбаи Ташкилоти Байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад дар Тоҷикистон барпо гардид, иштирок намуд. Баъд аз гирифтани шаҳодатнома, Зебо бо кӯмаки корманди иҷтимоии ташкилот ба Мақомоти маҳаллии шаҳри Қӯрғонтеппа ва Кумитаи кор оид ба занони вилояти Хатлон оиди мусоидат барои кушодани нуқтаи тиҷоратӣ муроҷиат намуд. Баъди он ки аз муассисаҳои давлатӣ қарор гирифта шуд, Зебо аз бонк ба маблағи 2000 сомонӣ қарз гирифт. Ба воситаи маблағи гирифташуда Зебо ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруририро тайёр намуда, нуқтаи савдо оид ба фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ кушод.

*«Ман ба кормандоне, ки дар AFEW-Тоҷикистон кор мекунанд, барои умедвор шуданам миннатдорам ҳастам! Бо шарофати дастгирии онҳо ман бо ВНМО зиндагӣ карданро ёд гирифтам, соҳиби ҷои кор шудам ва метавонам фарзандонамро дастгирӣ кунам. Соҳибкории хурди ман ба талабот ҷавобгӯ шуд. Ман нақша дорам, ки онро васеъ намуда, маблағ ҷамъ кунам ва барои худам ва оилаам хонае бихарам. Дар хонаи худ зиндагӣ кардан чунин хурсандие мебошад, ки дар он шумо метавонед баъд аз кор дар ошхонаи зебо аз пиёлаи зебо чой нӯшида, лаззат баред... »*- қиссаи худро Зебо хаёлпарастона ба итмом расонид.

Маълумот: Намояндагии AFEW - Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба заноне, ки муҳоҷирати меҳнатӣ бозгаштаанд, дар соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани иттилоотнокоии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ кӯмак мерасонад.